# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Муҳимии мавзӯи диссертатсонӣ ба аҳамияти таҳсилот ва фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ дар ташаккули шахсияте, ки ба зиндагӣ дар олами технологияҳои сатҳаш баланд, иттилоотӣ ва рақобатпазирӣ вобаста буда, муаммои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ дар илмҳои педагогӣ мебошад.

Диди аксиологӣ дар таълими биология баррасӣ намудани аҳамияти инсонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии объектҳои табиати зиндаро дар назар дорад. Бинобар ин, муҳим аст, ки барои хонандагон аҳамияти ҳаматарафаи табиати зинда ошкор карда шавад.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 бобу фаслҳо, хулосаҳои бобҳо, хулосаи асосӣ, феҳристи адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Дадобоева Муслима Бахтиёровна иборат аст. Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола "Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим» моҳияти мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ» ошкор гардида, хусусиятҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон муайян ва амсилаи фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ пешниҳод шуда, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳақиқон; таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзӯи тадқиқот коркард гардидааст. Бо мақсади дақиқ намудан ва муайян кардани тафриқаи мафҳумҳои «фаъолияти таълимӣ» ва «фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ» бо такя ба таърифу тавзеҳоти мавҷуда таҳлили муқоисавии онҳо анҷом дода шудааст.

Дар боби дуюм "Хусусиятҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди

аксиологӣ» тавсиф шудаанд. Бо назардошти аҳамияти фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ дар ҳалли вазифаи баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати раванди таълим имконияти истифодаи масъалаҳои гуногуннавъи биологӣ ба сифати воситаҳои диди аксиологӣ ҷиҳати фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон таъкид гардидааст. Навъҳо ва хусусиятҳои масъалаҳо бо овардани мисолҳо баррасӣ шудаанд: масъалаҳое, ки ба инкишофи тафаккури мантиқӣ мусоидат мекунанд; масъалаҳо барои шинохтани объектҳои табиӣ; масъалаҳо оид ба ташаккули маҳорати пешниҳод ва исбот кардани фарзия; масъалаҳое, ки ба инкишофи малакаҳои таҳқиқотӣ мусоидат менамояд; масъалаҳое, ки барои барпо намудани робитаи донишҳои назариявӣ бо донишҳои амалӣ мусоидат мекунанд; масъалаҳое, ки бо худмушоҳидакунӣ алоқаманданд; масъалаҳое, ки иттилооти барои хонандагон навро баррасӣ қарор дода шуда, Амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ» пешниҳод гардида, корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ баргузор ва натиҷагирӣ карда шудааст.

Ғайр аз он дар фасли якуми боби мазкур методҳо, шаклҳо ва воситаҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ» методҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон зимни таълими фанҳои биологӣ густурда ва муфассал баррасӣ шудаанд

Муҳтавои амсилаи коркардаи Дадобоева Муслима Бахтиёровна оид ба фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ ба ҳадаф вобаста буда, имконияти пайгирии чанд ҷиҳату хусусиятҳои объекти таҳқиқотро фароҳам овардааст. Амсиласозиро ба сифати асбоби таҳқиқот барои омӯзиши ҷиҳату хосиятҳои гуногуни раванди таҳсилот дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ истифода бурда, муаллиф дар қаринаи таҳқиқоти худ дидгоҳҳои умумиро муайян кардааст: системавӣ; аксиологӣ; инсонпарварона. Зери шартҳои педагогӣ муаллиф маҷмӯи омилҳои бо ҳам алоқамандро мефаҳмад, ки барои раванди ҳадафмандонаи таҳсилот бо истифодаи таъминоти дидактикии аз ҷиҳати педагогӣ муфид зарур буданаш исбот ва коркард шудааст.

Дар қисмати ҷамъбастии рисола аз тарафи муаллифи рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълиму тарбия ва воситаҳои пешқадами амалигардонии ин раванд ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани

фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим саҳми арзишманд мегузорад.

Таҳқиқоти Дадобоева Муслима Бахтиёровна ба таври мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, инчунин тадбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ таҳия ва омода гардидааст.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим», кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи Низомнома “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”-и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,№267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, академики Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Маҳмадулло Лутфуллозода
31.03.2023с.

*Имзои М.Лутфуллозодаро тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳои АТТ* *М.Саидова*

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ